# Тақризи

роҳбари илмӣ ба кори диссертатсионии Рамазонов Давлат Сулаймонович дар мавзуӣ “Инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ-бозикунӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.06 назария ва методикаи тарбияи (13.00.06.01- назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) пешниҳод карда шудааст.

Унвонҷӯи Рамазонов Давлат Сулаймонович хатмкардаи факултети педагогикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, бо ихтисоси омӯзгори суруд ва мусиқӣ (2006) буда, фаъолияти касбӣ омӯзгории худро худи ҳамон сол аз иҷрои вазифаҳои лаборанти кафедраи назарияи иқтисодӣ донишгоҳ, корманди МТМУ №88 ш. Душанбе, ассистенти кафедраи назария ва методикаи тарбияи мусиқӣ- бадеӣ (2017) мудири кафедра (2019) ва муаллими калони кафедра идома додааст. Ӯ соли соли 2020 унвонҷӯи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ буда, ҳануз дар аёми донишҷӯӣ будан дар конфренсияҳои илмии донишҷӯёну омӯзгорон фаъолона иштирок намуда, ба корҳои илмӣ-татқиқотӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардааст. Ҷунин сатҳи донишҳои илмӣ ва маҳорату малакаҳои касбӣ ба Рамазонов Д.С., имконият дод кори таҳқиқотии худро сари вақт ба анҷом расонда онро барои дифоъ намудан омода созанд.

Бояд қайд кард, ки масъалаи таълим, тарбия ва инкишофи қобилияти эҷодии кӯдакону наврасон яке аз печидаи соҳаи педагогика, психология ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ дар раванди фаъолияти мусиқӣ-бозикунӣ буда, роҷеъ ба он дар илми муосир ғояву андешаҳо, роҳёфту муносибатҳои гуногун арзи вуҷуд доранд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон он бори аввал мавриди таҳлил, омӯзиш, таҳқиқу хулосабарории илмӣ дар низоми таълиму тарбияи томактабӣ қарор дода шуд.

Рамазонов Д. С., дар оғози кори таҳқиқотӣ кушиш намуд таҳқиқотҳои олимони хориҷӣ, махсусан Федератсияи Руссия ва Тоҷикистонро оид ба тарбия, таълим ва инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдаконро дар зерхати назариявӣ ва амалӣ таҳлилу баррасӣ намуда, ба вазъи муассисаҳои томактабӣ баҳодиҳи намояд. Таҳқиқи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар раванди фаъолиятҳои мусиқӣ-бозикунӣ амали гардида шуданд.

Бояд қайд кард, ки зуҳурот ва инкишофи қобилият, лаёқатмандӣ, истеъдоди аз он ҷумла дар самти мусиқӣ-эҷодӣ яке аз масъалаҳои муҳими психологияи бачагона дар самти ташаккулдиҳии сифатҳои шахсияти-психологӣ буда, дар давраи томактабӣ бозӣ ҳамчун фаъолияти асосӣ ва пешбарандаи кӯдак эътироф гардидааст.

Дар раванди кори таҳқиқотӣ Рамазонов Д.С., асосҳои назариявӣ ва амалии инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабиро ҳамчун проблемаи психологӣ-педагогӣ таҳлил намуда, хусусият ва имкониятҳои истифодаи бозиҳоро дар тарбия дар рушди қобилиятҳои мусиқӣ-эҷодии кӯдаконро таҳлилу мавриди баррасӣ намуд.

Арзишмандии кори таҳқиқотии Рамазонов Д.С. дар он аст, ки омӯзиши ташхисии вазъи рушди қобилиятҳои мусиқӣ-эҷодии кӯдакон дар фаъолияти бозикуниро ташхису натиҷагирӣ намуда сатҳи онро дар дараҷаҳои баланд, миёна ва паст мутаалиқ ба марҳилаҳои муқарраркунанда ва ташаккулдиҳанда арзёбӣ карда шуданд. Натиҷаҳои таҳқиқотӣ ҷамъбаст ва хулосаю тавсияҳо барои баланд бардоштани қобилиятҳои мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни томактабӣ пешниҳод гардиданд, таҳлили муқоисавии натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ бо коркарди оморӣ дар ҷадвалҳо нишон дода шуданд.

Дар рафти кори таҳқиқотӣ муҳаққиқ хусусиятҳои инкишофи қобилиятҳои мусиқӣ-эҷодии кӯдаконро дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ба ҳисоб гирифта мушкилотҳои ба ҳамин раванд хосро, ба монанди норасоии омӯзгорони таълим ва тарбияи мусиқӣ, сатҳи

тайёрии касбии онҳо, инчунин дастрасии нокифояи дастурҳои таълимию методӣ, асарҳои мусиқии бачагонаи оҳангсозони Тоҷикистон, асбобҳою толорҳои мусиқии таҷҳизонидашуда ва ғайраҳо ошкор, роҳҳои бартарафсозии онҳоро таҳлилу баррасӣ намуд.

Диссертатсияи Рамазонов Давлат Сулаймонович дар мавзуи "Инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ-бозикунӣ" кори таҳқиқотии мустақилона иҷрошуда ва ба анҷом расида буда, он барои дифоъ намудан ва соҳиб шудан ба дараҷаи илми номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.06-назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01-назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) тавсия карда мешавад.

Муаллифи кори диссертатсионӣ аз рӯзҳои аввали фаъолияти касбӣ-омӯзгории худ чун омӯзгори мусиқӣ ва суруд ҳамчун шахсияти басалоҳият, масъулиятшинос, ташкилотчи, соҳиби донишҳои илмӣ, доимо рушдёбанда ва муваффақ дар иҷрои вазифаҳои тахассусӣ, дорои фарҳанги муошират ва дигар сифатҳои ахлоқӣ шинохта шудааст. Мунтазам бо баромаду гузоришҳои илмӣ, методӣ дар конфренсияю ҷаласаҳои кафедра, факултет, донишгоҳ ва дар сатҳи ҷумҳуриявию байналмиллалӣ ҳамчун муҳаққиқ шинохта шудааст. Дар байни донишҷӯёну унвонҷӯён ва омӯзгорон сазовору обрӯи эҳтиром гардида дар омода намудани омӯзгорони мусиқӣ ва суруд барои муассисаҳои томактабӣ ва синфҳои ибтидоӣ ҳиссагузор мебошад.

Роҳбари илмӣ: доктори илми педагогӣ,
профессори кафедраи педагогикаи махсус ва
таҳсилоти фарогири факултети психологияи
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. Маҷидова Б.

Имзои профессор Б. Маҷидоваро тасдиқ мекунам
Сардори раёсати кадрҳо Мустафозода А.
05.02.2024.